# ТАҚРИЗИ

муқарризи расмӣ ба диссертатсияи Холназаров Руҳулло Муҳаммадович дар мавзӯи «Таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш», ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00. – Филология (6D 02.05.02. – Забони тоҷикӣ), пешниҳод шудааст.

Мусаллам аст, ки забони тоҷикӣ яке аз забонҳои пурғановат ва қадимаи забонҳои эронӣ маҳсуб ёфта, дорои таркиби луғавии устувор, ғанӣ ва фарогири қишрҳои гуногун, сохтори устувори дастурӣ аст. Яке аз ин қишрҳои таркиби луғавии забони тоҷикиро номҳои одамон фарогир буда, дар забоншиносӣ маҷмӯи номҳои одамонро як ҷузъи ономастика – антропонимия мавриди омӯзишу баррасӣ қарор медиҳад. Аз ин рӯ, тадқиқи номҳои одамон хеле ҷолиб буда, он маҳсули тафаккури давраҳои гуногуни инкишофи ҷомеа маҳсуб меёбад, сарвати маънавӣ, ганҷинаи боэътимоди таъриху маданият ва як ҳиссаи хазинаи луғавии забони халқро дар худ таҷассум карда, дар шарҳу маънидод, таҳлилу баррасии масоили гуногуни решашиносӣ, калимасозӣ, савтиёт, дастури забон, шевашиносӣ, таърихи забон, забоншиносии иҷтимоиву қавмӣ ва дигар қисматҳои забоншиносӣ ёрии амалӣ мерасонад.

Диссертатсияи Холназаров Руҳулло Муҳаммадович дар мавзӯи «Тах- лили лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш» омода гардида, фарогири муқаддима, се боб, хулосаву рӯйхати адабиёт ва замима аст. Боби аввал аз се фасл таркиб ёфта, фасли дуюм аз 3 зерфасл иборат ва фаслҳои якуму сеюм бидуни зерфасл аст. Боби дуюмро 2 фаслу боби сеюмро 2 фаслу чор зерфасл ташкил медиҳанд.

Дар муқаддимаи диссертатсия тибқи анъана аҳамияти интихоби мавзӯъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мақсаду вазифа ва методи таҳқиқ, маводи истифодашуда дар кор, моҳияти илмӣ-назариявӣ ва амалии таҳқиқ, асосҳои назарии диссертатсия, мавод ва масоили асосие, ки ба

ҳимоя пешниҳод мешавад, коркард ва татбиқи натиҷаҳои таҳқиқу сохтори диссертатсия баррасӣ мегарданд.

Боби якуми диссертатсия «Ташаккули антропонимҳои ноҳия аз нигоҳи таърихӣ» номгузорӣ шуда, дар фасли аввал роҷеъ ба моҳияти таърихии забони тоҷикӣ ва таркиби пурғановати луғавии он, мавқеи антропонимҳо дар он ва роҳҳои ташаккулу инкишофи онҳо дар тӯли таърих мавриди баррасӣ қарор гирифта, дар фаслу зерфаслҳои дигар ба баррасии номҳои аслии тоҷикии давраҳои бостону миёна ва нави инкишофи забони тоҷикӣ, номҳои иқтибосӣ дар таркиби луғавии лаҳҷаи мардуми ноҳияи Лахш сухан меравад.

Фасли аввали боби якум «Мулоҳизаҳои муқаддимавӣ» ном дошта, дар ин фасл зикр мегардад, ки таҳқиқи антропонимия аз нуқтаи назари иҷтимоӣ марбути забоншиносии иҷтимоӣ (сотсиолингвистика) буда, ҷузъи забон- шиносии умумист.

Дар фасли дуюми боби якум, ки «Номҳои аслии тоҷикӣ» номгузорӣ шудааст, замони ташаккули номҳои аслии тоҷикӣ дар таркиби луғавии забони тоҷикӣ нишон дода мешавад ва зикр мегардад, ки антропонимҳо низ чун дигар бахшҳои ономастика се давраи инкишофи таърихи забони тоҷикиро (форсӣ) аз сар гузаронида, номҳои ашхоси давраҳои бостон, миёна ва нав дар антропонимияи тоҷик хусусияти умумиистеъмолӣ касб намуда, дар номгузории сокинони ноҳияи Лахш низ мавриди истифода қарор доранд [Рисола, с. 25]. Маводи гирдовардаро муҳаққиқ аз рӯйи мазмуну мунда- риҷаашон ба се зерфасл ҷудо намуда, дар ин зерфаслҳо мутаносибан номҳои давраҳои қадим, миёна ва нави тоҷикӣ мавриди баррасии илмӣ қарор дода мешаванд.

Фасли сеюми диссертатсияи мавриди тақриз «Номҳои иқтибосӣ» унвон гирифта, дар он номҳои иқтибосии арабӣ, сомӣ, ҳиндӣ, юнонӣ, муғулию туркӣ, русӣ ва амсоли онҳоро меорад ва дараҷаи корбурди ин қабил антропонимҳоро дар лаҳҷаи мазкур нишон дода, зикр менамояд, ки антро- понимҳои иқтибосӣ миқдоран кам буда, аксарияти онҳо вижагиҳои умуми- тоҷикӣ доранд.

Боби дуюми диссертатсия «Хусусиятҳои этнолингвистии номҳои ашхоси ноҳия» номгузорӣ шуда, фарогири 2 фасл буда, дар фаслҳои ин боб мутаносибан муносибати таърихии тоҷикону қирғизон ва инъикоси он дар антропонимҳо, гендер ва муносибати антропонимҳо ба он, инчунин таҳлили гендерӣ мавриди таҳлил қарор мегиранд.

Унвонҷӯ боби сеюми диссертатсияи худро «Хусусиятҳои овозӣ (фонетикӣ) ва грамматикии номҳои ашхос» номгузорӣ намудааст ва ин боб фарогири 2 фасл буда, дар навбати худ ҳар фасли боби мазкур боз аз рӯйи масъалагузорӣ чандин зерфаслҳоро фаро гирифта, дар ин фаслу зерфаслҳо ҷиҳатҳои савтӣ ва сохтории антропонимҳои ноҳия мавриди пажӯҳиши унвонҷӯ қарор гирифтааст.

Дар хулосаи диссертатсия ҷамъбасти андешаҳои илмии унвонҷӯ дар 11 банд оварда мешавад, ки мазмуни корро ба таври мухтасар ифода мекунанд.

Рӯйхати адабиёт фарогири 238 номгӯйи адабиёти илмии марбути мавзӯъ буда, аз инҳо 8 адад адабиёт марбути сомонаҳои интернетист. Инчунин дар ҳамин рӯйхат боз ихтисораҳо оварда мешавад, ки мувофиқи матлаб аст.

Ҳангоми мутолиа ба назари мо чанд вижагии муҳимми кор расид, ки асоситаринашон инҳоянд:

1.Мундариҷаи рисолаи мазкур аз нигоҳи банду баст хеле мувофиқи матлаб тарроҳӣ гардида, бобу фаслҳо ва зерфаслҳои диссертатсия ба мазмуну муҳтаво, мақсаду вазифа ва ҳадафҳои унвонҷӯ пурра мувофиқат мекунанд ва дар таҳияи он таносуб низ риоя гардидааст.

2. Дар фаслҳо ва зерфаслҳои диссертатсия масъалаҳое баррасӣ мешаванд, ки аҳамияти баланди илмӣ доранд ва диссертант тавонистааст, ки онҳоро дар асоси маводи антропонимии сокинони ноҳияи Лахш ба риштаи таҳқиқ кашад.

3. Зимни баррасӣ ба осори илмии донишмандони ватанию хориҷӣ такя карда, аз онҳо дар мавриди зарурат иқтибосҳо меоварад ва фикру андешаҳои хешро такмилу тақвият медиҳад, ки ин худ шаҳодат аз ворид будани муҳаққиқ дар ҷодаи илм маҳсуб меёбад. Дар муқаддимаи кор

зимни овардани асосҳои назариявии диссертатсия ба осори донишмандоне ишора мешавад, ки саҳми онҳо дар таҳқиқи ономастикаи забонҳои гуногуни дунё назаррас аст.

4. Маводи гирдовардаи соҳаи антропонимияро унвонҷӯ аз нигоҳи сохторӣ, луғавӣ ва гендерӣ мавриди баррасии забонӣ қарор додааст, ки ин ҷиҳат аҳамияти баланди илмӣ-назариявӣ ва амалӣ доштани рисоларо собит мекунад. Дар бобҳои кор анропонимҳоро вобаста ба мансубияти ҷинсияташон ва шаклгирияшон ба сифати мисол фаровон оварда, марбут ба талаботи фаслу зерфаслҳо онҳоро матраҳ менамояд ва андешаҳои худро доир ба фаслҳо баён медорад.

5. Ҳангоми шарҳи антропонимҳои таърихии сокинони ноҳияи Лахш ба осори илмии муътамад такя карда мешавад. Аз ҷумла, хазинаю бойгонӣ ва дафтари қайдҳои ҷории шуъбаи Сабти асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Лахшро муҳаққиқ чун манбаи мавод қарор дода, аз он хазина 2452 антропонимҳои ноҳия гирдоварда шудааст ва аз ин миқдор 1651 номи мардона ва 801 номи занонаро ташкил медиҳанд, ки ин аз самаранок истифода бурдани усулҳои гирдоварии соҳаи маводи шевагиро собит мекунад.

6. Навоварии рисолаи мавриди тақриз пеш аз ҳама дар он аст, ки дар он бори нахуст дар пояи таҳлили гендерӣ маводи гирдовардашуда мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Албатта, то ин дам дар соҳаи шевашиносӣ тадқиқот аз нигоҳи гендерӣ сурат намегирифт ва умед аст, ки оянда ин усули таҳқиқ дар соҳаи шевашиносӣ тавсия хоҳад ёфт.

7.Таҳлилу баррасиҳо хусусияти илмӣ дошта, хулосаҳои унвонҷӯ мантиқӣ мебошанд.Натиҷаи илмии тадқиқи антропонимҳо дар он зуҳур мешавад, ки он дар муҳити дузабонӣ – тоҷикию қирғизӣ ташаккул ёфта, муассирии забонҳои гуногунсохт дар он ба мушоҳида мерасад.

8. Дар маҷмӯъ метавон гуфт, ки ҳангоми таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва оморӣ антропонимҳои ноҳияи Лахш то ҳадди имкон таҳқиқи илмӣ шуда, барои таълифи осори таълимӣ доир ба антропонимҳо, таҳияи луғатномаҳои дузабона барои забономӯзон аҳамияти калони илмию амалиро молик аст.

9.Ҷиҳати нишон додани вижагиҳои лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш муҳаққиқ аз усулҳои санҷидашудаи синхронию диахронӣ, оморӣ ва решашиносӣ истифода намудааст, ки бо ин роҳ таҳаввулу тағйироти вижагиҳои луғавӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои мавзеи таҳқиқ ошкор мегарданд.

10. Дар шакли замима овардани антропонимҳои сокинони ноҳияи Лахш арзиши амалии диссертатсияро боз афзун намудааст. Хуб мешуд, дар қавсайн бо хатти лотинӣ низ антропонимҳо зикр мешуданд, боз манзалату ҷиҳати амалии диссертатсия меафзуд.

Маводи истифодашудаи илмӣ-назариявӣ ва маводи гирдовардаю баррасишуда аз сокинони ноҳияи Лахш гувоҳӣ бар он медиҳанд, ки муҳаққиқи ҷавон Холназаров Руҳулло Муҳаммадович техника ва роҳу равиши коркарди илмии маводи забониро хуб аз худ кардааст ва умед аст, ки дар оянда корҳои аз ин ҳам ҷиддитарро роҳандозӣ менамояд.

Дар рисолаи илмии мавриди тақриз қароргирифта баробари муваффақиятҳо баъзе камбудию норасоиҳо низ ба чашм мерасанд, ки ба назари мо, ислоҳи онҳо, ҳангоми чун монография ба чоп ҳозир кардани кор, боиси беҳтар шудани сифати он хоҳад шуд:

1.Дар рисола истилоҳоти илмӣ, аз қабили ориёинажод, забонҳои суғдӣ, бохтарӣ, туркӣ - муғулӣ ва монанди инҳо ба таври нодуруст ё таҳриф оварда шудааст: забонҳои Суғду Бохтар [с.24], туркӣ-қирғизӣ [с.60], қирғизӣ-ӯзбекӣ [с. 40, 66, 76, ].

2. Аз ҷониби муҳаққиқ андешаи донишмандон чун оварда мешавад, манбаъ ё сарчашмаи он нишон дода намешавад. Барои мисол нигоштаи муҳаққиқ дар ин бобат: “Аз рӯйи тадқиқоти И.В.Бестужев Лада антропонимия се марҳилаи инкишофро сипарӣ намудааст: ибтидоӣ, ғуломдорӣ-феодалӣ ва капиталистӣ [20]”.

3. Дар рисола калимаю таркибҳои такрор ба назар мерасанд, ки ба мазмуни матн то андозае костагӣ овардаанд: Вале ин ... бенизому номуташаккил мебошанд [18], ...ин ба рушди... алоқаманд мебошад [19] Вазифаи мазкур на он қадар...зарур ва ҳатмӣ мебошад [18], ...зарур ва муҳим мебошад [19], ...қувваҳои бадӣ мебошад [20], алоқаманд мебошад

[21]. Ба назари мо, ин тарзи баён хоси забони илм нест ва тарзи баёни содалавҳона аст.

4. Дар диссертатсия ҷо-ҷо андешаву фарзияҳои илмӣ бидуни нишон додани манбаъ ба таври умумӣ баён карда шудааст (аз ҷумла дар саҳифаи 24 сархати охирон, ки бо вожаи муҳимтарин оғоз мешавад). Инчунин матну мисолҳо дар шакли овонигории байналмилалӣ оварда нашудаанд. Зеро дар лаҳҷашиносӣ корбурди овонигорӣ аз муқаррароти муҳим аст.

5. Дар овардани номгӯйи адабиёт дар феҳрасти адабиёт низ яксони дида намешавад ва дар таҳияи он ба ғалатҳои техникӣ роҳ дода шуда, зикри нодурусти он ва адабиёти нолозимаи рӯзномаҳо оварда шудаанд, ки ин хилофи муқаррароти кори илмӣ аст.

6.Ҳангоми овардани иқтибосот аз фарҳангномаҳою осори илмии донишмандон, аксаран, суханони онҳо дар нохунак гирифта намешавад, ки ин боиси махлут шудани сухани муаллиф ва иқтибосот мегардад [саҳ. 21, 24 ва ғ.]. Инчунин дар таҳлили решашиносии антропонимҳо манбаъ ё сарчашма нишон дода намешаванд [саҳ. 27, 28, 29], ё манбаи номувофиқ ё рабтнадошта ишора мешаванд [саҳ. 27].

7. Дастаи дигари камбудиҳоро ғалатҳои техникӣ [саҳ.12,15,37, 41, 51, 91,93], имлоӣ [саҳ.7, 11,13,17,18,19,21,22,23,27,30,31,35,38, 58...136] ва услубӣ [саҳ.16,25, 54, 54] ташкил медиҳанд.

Камбудию норасоиҳои номбаршуда, моҳият ва қимати илмии кори диссертатсионии муҳаққиқи ҷавон Холназаров Руҳулло Муҳаммадовичро халалдор намесозад.

Хулоса, диссертатсияи тақризшаванда, ки ба баррасии хусусиятҳои луғавию маъноӣ ва таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш бахшида шудааст, дар забоншиносӣ, хосатан дар бахши шевашиносӣ таҷрибаи нахустин буда, аҳамияти махсуси илмию назарияивиро молик аст.

Автореферати диссертатсия ва мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаван- даи КОА ФР ва КОА назди Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон нашркардаи муаллиф мазмуну мухтавои диссертатсияро инъикос менамоянд.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Холназаров Руҳулло Муҳаммадович дар мавзӯи «Таҳлили лингвистӣ, гендерӣ ва омории антропонимҳои ноҳияи Лахш» ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, таҳти №505 тасдиқ гардидаанд, пурра ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) – доктор аз рӯйи ихтисос, аз рӯйи ихтисоси 6D 02.05.00. – Филология (6D 02.05.02. – Забони тоҷикӣ), мебошад.

Муқарризи расмӣ,
дотсенти кафедраи таърихи
забон ва типологияи ДМТ,
доктори илми филология Ҳомидов Дилмурод Раҷабович

Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе,
Хиёбони Рӯдакӣ 17, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
homidov65@mail.ru
(+992) 907798265

Имзои дотсенти кафедраи таърихи забон ва типологияи ДМТ, доктори илми филология Д. Р. Ҳомидовро тасдиқ мекунам.

Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДМТ Э. Тавқиев.

26 04 соли 2019